# СОЗИШНОМАИ
# ХАМКОРИХОИ ХУКУКИ ДАР СОХАИ МАСЪАЛАХОИ
# ШАХРВАНДИ, ТИЧОРАТИ ВА ЧИНОЯТИ
# БАЙНИ ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН
# ВА ЧУМХУРИИ ТУРКИЯ

Чумхурии Точикистон ва Чумхурии Туркия, ки минбаъд Тарафхои Ахдкунанда номида мешаванд,

- чихати мустахкам намудани муносибатхои дусти ва мусоидат намудан ба хамкорихои хукуки дар сохаи масъалахои чиноятй, боздошт ва бозфиристодани махбусон бар пояи усули эхтироми истиклолият, баробари ва дахолат накардан ба корхои дохилии якдигар,
- мукаррар намуданд, ки Созишнома оид ба хамкорие дар масъалахои хукуки, тичорати ва чиноятй ба имзо расонанд,
- ва ба иттифоки зайл расиданд:

## БОБИ I
## БАХШИ 1

## АХКОМИ УМУМИ

## МОДДАИ 1

1. Шахрвандони Тарафхои Ахдкунанда дар каламрави кишвархои якдигар дар масъалахои химояи хукуки ва хукуки дар нисбати худ ва нисбати моликият ва манфиатхояшон ва хукукхои баробар бархурдор хоханд буд.

2. Шахрвандони Тарафхои Ахдкунанда дар каламрави Тарафи Ахдкунандаи дигар хукуки мурочиати озодро ба додгохи ва дигар идорахои салохиятдор чихати пешниходи даъво, химояи хукукхо ва манфиатхо нисбати масъалахои шахрванди, тичорати ва чинояти бо хамон шартхое хоханд дошт, ки шахрвандони он Тараф доранд.

3. Нисбати шахсони хукуки, ки муассисахои онхо дар каламрави яке аз Тарафхои Ахдкунанда вучуд дошта, дар асоси конунхои Тарафи Ахдкунандаи дигар ташкил ёфтаанд, ахкоми ин Созишнома бо дарачае, ки метавонад татбик шаванд, татбик мешаванд.

## МОДДАИ 2

Мақомоти ваколатдори Тарафҳои Аҳдкунанда ҷиҳати иҷрои амалии ин Созишнома аз тариқи намояндагиҳои дипломатӣ ё бо якдигар муносибат мекунанд.

## МОДДАИ 3

Вазоратҳои адлияи Тарафҳои Аҳдкунанда ба муқобили дархост ба якдигар маълумотро роҷеъ ба қонунҳо ва амалияи татбиқи худ нисбати масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки мавриди баррасии ин Созишнома қарор доранд, пешниҳод мекунанд.

## БОБИ II

## БАХШИ 1

## МУСОИДАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР МАСЪАЛАҲОИ ШАҲРВАНДӢ ВА ТИҶОРАТӢ

## МОДДАИ 4

1. Мақомоти салоҳиятдори Тарафҳои Аҳдкунанда ба якдигар дар масъалаҳои шаҳрвандӣ ва тиҷоратӣ мусоидати ҳуқуқӣ пешниҳод менамоянд.

2. Мусоидати ҳуқуқӣ, аз ҷумла, [illegible] аз бобати иҷрои амалиёти процессуалӣ аз қабили фиристодани ҳуҷҷатҳо, пурсидани тарафҳо, шоҳидон, мутахассисон ва муқаррар [illegible] дар бар мегирад.

## МОДДАИ 5

1. Дар талабнома дар бораи расонидани мусоидати ҳуқуқӣ, нуктаҳои зерин бояд зикр шаванд:

а) номи муассисаи бозхоханда ва мавриди бозхост, агар номи онхо мукаррар шуда бошад.

б) хусусияти мурофиаи додгохи бар пояи далелхои пешниходшуда;

в) ном, номи хонаводаги унвонхои дигар ва мукимати (хонаги ва кори), мансубияти шахрванди ва тахассуси тарафхо;

г) ном ва унвони намояндагони Тарафхо;

д) маълумоти зарури дар бораи масъалаи мавзуи бахс ва анчом додани талабнома;

2. Талабнома дар бораи расонидани мурофиати хукуки ба пайвасти хуччатхое мешавад, ки имзо шуда бошанд ва аз тарафи муассисаи бозхоханда расман мухр зада бошанд.

МОДДАИ 6

1. Муассисаи мавриди бозхост хангоми ичрои талабнома конунхои тарафи худро истифода мебарад. Бино ба хохиши муассисаи бозхоханда муассисаи мавриди бозхост метавонад меъёрхои процессуалии муассисаи бозхохандаро истифода барад, агар ин меъёрхо ба конунхои Тарафи Ахдкунандаи мавриди бозхост мухолифат накунанд.

2. Агар идорае, ки талабномаро гирифтааст, дар ичрои он салохият надошта бошад, пас ин идора бояд ин талабномаро ба идораи салохиятдори тарафи мавриди бозхост фиристад ва дар ин бора тарафи бозхохандаро огох кунад.

3. Тарафи мавриди бозхост бояд хуччатхоро дар бораи ичрои талабнома ба тарафи бозхоханда бифиристад ё он тарафро аз ичро накардани талабнома бо зикри сабабхо огох намояд.

МОДДАИ 7

1. Талабномаи ичрои хуччатхо аз чониби тарафи мавриди бозхост мувофики ахкоми конунхои вай, ки ин амалиро танзим мекунанд, пазируфта мешавад, агар ин хуччатхо ба забони тарафи мавриди бозхост тахия шуда бошанд ё бо тарчумахои

мавриди забонаш тарҷумашуда шавад. Дар акси ҳол мақомоти мавриди бозхост ҳуҷҷатҳоро танҳо дар сурати мувофиқаи шахси пазиранда қабул мекунанд.

2. Дар талабномаи иҷрои ҳуҷҷатҳо унвони пурра ва суроғаи ҳуҷҷатҳои пайваст бояд зикр шаванд.

3. Агар ҳуҷҷат ба унвоне, ки дар талабномаи иҷро оварда шудааст, шахси фиристонда надошта бошад, пас мақомоти мавриди бозхост ҳамаи чораҳоро ҷиҳати андешида, то унвони ҳақиқии муайян карда шавад. Агар унвони ҳақиқии шахсро муқаррар кардан натавониста бошад, пас тарафи мавриди бозхост тарафи бозхоҳандаро огоҳ бояд намояд ва ҳуҷҷатҳоро бозгардонад.

МОДДАИ 8

Заботномаи расидани бояд тибқи аҳкоми қонунҳои тарафи мавриди бозхост омода гардад. Дар заботнома бояд вақт ва ҷои расонидани ҳуҷҷат зикр гардад.

МОДДАИ 9

Тарафи мавриди бозхост тамоми хароҷотеро, ки дар мавриди иҷрои талабномаҳои ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд, ба уҳда мегирад ва ҷуброни онро талаб намекунад.

МОДДАИ 10

Талаби расонидани мусоидати ҳуқуқӣ метавонад радд карда шавад, агар чунин иқдом ба истиқлолият, амният ва ё тартиботи ҷамъиятии тарафи мавриди бозхост халал ворид кунад.

## МОДДАИ 11

1. Талабнома дар бораи мусоидати ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои пайвасти ба забони аслӣ, ки дар банди 1 моддаи 7 ва моддаи 13 ин Созишнома зикр шудаанд, бояд бо тарҷумаҳои тасдиқшуда ба забони тарафи мавриди бозхост ё фаронсавӣ ё англисӣ мураттаб шаванд.

2. Тасдиқи тарҷума метавонад аз ҷониби тарафи бозхоҳанда, тарҷумони касбӣ, нотариус, намояндаи дипломатӣ ё корманди консулии Тарафҳои Аҳдкунанда сурат гирад.

3. Ҳуҷҷатҳое, ки барои иҷрои дархост дар мавриди расонидани мусоидати ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд, бояд ба забони тарафи мавриди бозхост, тарҷума гарданд.

## МОДДАИ 12

1. Шоҳид ё мутахассис новобаста ба мансубияти шаҳрвандӣ, ки дар назди мақомоти додгоҳии тарафи бозхоҳанда зуҳур менамояд, набояд мавриди таъқиб ё боздошт ё чораи дигар дар маҳдудияти озодӣ, ки собиқан дар қаламрави ин кишвар дар бобати ҷинояте, ки у то омадан ба ин кишвар содир намуда буд, қарор гирад.

Шоҳид ё мутахассис, ки огоҳиномаи мақомоти даъваткунандаро дар бораи он, ки ҳузури у дигар зарурат надорад, гирифтааст, қаламрави кишвари бозхоҳандаро набояд то 15 рӯз аз вақти гирифтани огоҳинома тарк кунад. Вақте ки барои сабабҳои озоди шоҳид ё мутахассис аз қаламрави тарафи мавриди бозхост мусофир мешавад, аз ҳуқуқи ин банд бархурдор аст.

Ин гуна шахсҳо набояд дар ҳолати гувоҳии шоҳидон ё экспертиза мавриди таъқиби додгоҳӣ ё боздошт қарор гиранд.

2. Тарафи бозхоҳанда бояд шоҳид ё мутахассисро, ки барои додани зуҳури даъват мешавад, огоҳ намояд, ки хароҷот, аз ҷумла хароҷоти экспертиза, мувофиқи аҳкоми қонунҳои тарафи мавриди бозхост пардохт мешаванд. Мувофиқи хоҳиши ин гуна шахсҳо пардохти хароҷоти мазкур аз ҷониби тарафи бозхоҳанда пешакӣ сурат мегирад.

## БАХШИ 2

## ҲУҶҶАТҲО

### МОДДАИ 13

Бо дархости додгоҳҳо ва мақомоти дигари салоҳиятдори Тарафҳои Аҳдкунанда яке аз тарафҳо бояд нусхаи ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шаҳрвандӣ ва дигар ҳуҷҷатҳоро, ки ба масъалаҳои шахсӣ ва манфиати шаҳрвандони тарафи бозхоҳанда тааллуқ доранд, бе тарҷума ва ройгон пешниҳод кунанд.

### МОДДАИ 14

1. Ҳуҷҷатҳое, ки дар қаламрави яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда таҳия, пешниҳод, тасдиқ шудаанд ва мӯҳр доранд, ва инчунин нусхаҳои баробари асли онҳо дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар мавриди легализатсия қарор намегиранд.
2. Ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи мақомоти расмии яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда дода шудаанд, дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар низ ҳамон эътибори ҳуқуқиро доранд.

## БАХШИ 3

## ОЗОД НАМУДАН АЗ ПАРДОХТИ ГАРАВИ МУРОФИАИ ДОДГОҲӢ ВА ХАРОҶОТИ ДОДГОҲӢ

### МОДДАИ 15

Шаҳрвандони ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда набояд мавриди ситонидани гарав маҳз барои он шаванд, ки шаҳрвандони хориҷӣ ҳастанд, маҳалли ҳуқуқӣ ё ҷои истиқомат дар қаламрави тарафи дигар надоранд.

МОДДАИ 16

1. Ба шахрвандони Тарафхои Ахдкунанда бояд имтиёзхо чихати пардохти харочоти додгохи ва инчунин пеш аз гузаронидани мурофиа мусоидати ройгони хукуки дар тарафи дигар бо хамон шартхо ва хачмхо пешниход шаванд, ки ба шахрвандони хамон тараф пешниход мешаванд.

2. Хамин гуна мусоидати додгохи ва хукуки нисбати тамоми парвандахои додгохи, аз чумла мурофиахои ичбори бояд расонида шаванд.

3. Шахрвандоне, ки ба онхо имтиёзи пардохти харочоти додгохи мувофики конунхои хар яке аз Тарафхои Ахдкунанда пешниход шудааст, бояд аз ин гуна имтиёзхо дар каламрави Тарафи Ахдкунандаи дигар хангоми мурофиахои додхоахи монанд низ бархурдор бошанд.

МОДДАИ 17

1. Шаходати лозима барои имтиёз мувофики ахкоми моддаи 16, ки шахсият, ном, вазъи моддии бозхохандаро тасдик мекунад, бояд аз чониби макоми салохиятдори он Тарафи Ахдкунанда дода шавад, ки ин бозхоханда он чо укомати хукуки ва чои истикомат дорад.

2. Агар бозхоханда укомати хукуки ва чои истикомат дар каламрави хеч яке аз Тарафхои Ахдкунанда надошта бошад, пас намояндагии дипломати ё консулии кишвари у метавонанд чунин шаходатро диханд.

3. Макомоти додгохи, ки бояд рочеъ ба талаби озод намудан аз харочоти додгохи карор кабул кунанд, бояд усули мазкур дар Моддаи 2 ин Созишномаро истифода кунанд ва метавонанд маълумоти иловагиро аз макомоте, ки ин гуна шаходатро додаанд, бипурсанд.

## МОДДАИ 18

Агар додгохи яке аз Тарафхои Ахдкунанда барои анчоми мурофиахои махсуси додгохи нисбати шахсе, ки чои истикомат ва унвони хукуки дар каламрави Тарафи Ахдкунандаи дигар дорад, муддат мукаррар намояд, пас ин муддат аз вакти расидани хуччатхо ба унвони пазиранда шуруъ мешавад.

## БАХШИ 4

## ЭЪТИРОФ ВА ИЧРОИ ХУКМИ ДОДГОХИ НИСБАТИ ПАРВАНДАХОИ ШАХРВАНДИ ВА ТИЧОРАТИ

## МОДДАИ 19

1. Хар яке аз Тарафхои Ахдкунанда бояд хукмхои зерини додгохиро, ки дар каламрави Тарафи Ахдкунандаи дигар мувофики ахкоми ин Созишнома бароварда шудаанд, эътироф ва ичро кунанд.

   а) хукми додгохи нисбати парвандахои шахрванди ва тичорати;

   б) хукми додгохи нисбати парвандахои чинояти чихати чуброн;

   в) хукмхои хаками, ки дар масъалахои шахрванди ва тичорати содир мегарданд.

2. Карорхои чихоиш додгохи дар масъалахои шахрванди ва тичорати, ки пас аз эътибор пайдо кардани ин Созишнома содир гардидаанд, карор шуморида мешаванд. Карорхое, ки дар зербанди (а)-и банди 1-и боло ёд шудаанд, танхо дар сурате ба эътибор гирифта хоханд шуд, ки робитаи конуни дар мавриди ин карорхо пас аз эътибор пайдо кардани ин Созишнома хосил шудааст.

3. Карорхо дар мавриди макоми шахси эътироф хоханд шуд, харчанд ин карорхо пеш аз эътибор пайдо кардани ин Созишнома содир шудаанд.

## МОДДАИ 20

Ҳукмҳои додгоҳӣ, ки дар Моддаи 19 ин Созишнома зикр шудаанд, дар ҳолати иҷрои шартҳои зерин бояд аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар расман эътироф ва иҷро шаванд:

а) ҳукми додгоҳӣ дар ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда бояд ниҳоӣ бошад ва дар он қаламрав мавриди иҷро қарор гирад;

б) даъвогаре, ки ҳукм баровардааст, бояд мувофиқи қонунҳои Тарафи Аҳдкунанда, ки талаби иҷро ва эътирофи расмӣ кардааст, қонуният дошта бошад;

в) тарафе, ки мурофиаро бохтааст (тарафе, ки дар парванда мағлуб шудааст) бояд ба тарзи боиста ба додгоҳ барои ҳозир шудан мувофиқи қонуни Тарафи Аҳдкунанда, ки ҳукм баровардааст, хонда шавад;

г) тарафҳое, ки дар мурофиаи додгоҳӣ иштирок доранд, набояд аз ҳуқуқи ҳимояи худ маҳрум бошанд ва ба онҳо барои ҳузур ба додгоҳ ба тарзи боиста бояд имкон дода бошад, инчунин ба онҳо имконият дода шавад, ки аз онҳо дар ҳолате, ки тарафҳо қобилияти амалиётӣ ва ҳимояи ҳуқуқӣ надоранд, намояндагӣ ба амал оянд;

д) ҳукми ниҳоии додгоҳӣ, ки аз рӯи он амалиҳо байни ин тарафҳо дар қаламрави Тарафи Аҳдкунанда, ки талаби эътирофи расмӣ ё иҷрои ҳукм шудааст, бароварда нашудааст;

е) ғайриқонунӣ будани мурофиаи додгоҳӣ, дар асоси ҳамон даъвоҳо ва ҳамон сабабҳо нисбати он тарафҳо дар назди мақомоти додгоҳии он Тарафи Аҳдкунандае ки аз он ҷо талаби эътирофи расмӣ ва иҷрои ҳукм сурат гирифтааст, набояд ҷой дошта бошад;

ж) дар ҳоли зарурӣ, қонуни Тарафи Аҳдкунанда, ки талаби эътирофи расмӣ ва иҷрои ҳукм намудааст, татбиқ хоҳад шуд. Ин гуна ҳукми додгоҳӣ метавонад мавриди эътирофи расмӣ ва иҷро қарор гирад, агар:

1) ин гуна ҳукм ба тарзи боиста бароварда шуда бошад.

ii) қонуни Тарафи Аҳдкунанда, ки талаби истирдоди расмӣ ва иҷрои ҳукм намудааст, аз қонуни Тарафи дигар истисноӣ усулӣ надошта бошад.

б) ин гуна ҳукм ҳамоҳанг бо усули умдаи қонун ва тартиботи ҷамъиятии Тарафи Аҳдкунанда, ки талаби истирдоди расмӣ ва иҷрои ҳукм намудааст, бошад.

## МОДДАИ 21

Ҳукмҳои ҳакамӣ танҳо дар сурате ба марҳилаи иҷро хоҳанд даромад, ки илова ба шартҳои ёдшуда дар Моддаи 20 ба истиснои банди (в) шартҳои зерин фароҳам оварда шаванд:

а) Масъалаи мавриди баҳс метавонад барои баррасии ҳакамият мувофиқи қонуни Тарафи Аҳдкунандае, ки дар он иҷро мавриди назар аст, супорида шавад.

б) Ҳукме, ки дар асоси созишномаи ҳакамӣ ё моддаи ҳакамӣ байни ду Тараф содир шудааст.

в) Сохтори маҳкамаи ҳакамият мувофиқи созишномаи ҳакамият ё моддаи ҳакамияти Тарафҳо ё мувофиқи қонуни Давлате мебошад, ки дар он ҳакамият ҷорӣ мегардад.

г) Ба Тарафҳо саривақт дар бораи таъйин гардидани ҳакам ё тартиботи ҳакамият иттилоъ дода хоҳад шуд.

д) Ҳукм дар Давлати асл ниҳоӣ хоҳад шуд.

## МОДДАИ 22

1. Талаби истирдоди расмӣ ё иҷрои ҳукм метавонад бевосита ба мақомоти салоҳиятдори Тарафи Аҳдкунанда, ки талаби истирдоди расмӣ ва иҷрои ҳукм намудааст, мувофиқи аҳкоми Моддаи 2 ин Созишнома, пешниҳод шавад.

2. Ба пайвасти талаб бояд ҳуҷҷатҳои зерин бошанд:

а) ба тарзи дуруст нусхаи тасдиқшудаи ҳукми ҳакамӣ бо ҳамроҳии шарҳҳо, агар ниҳоӣ будан ва иҷрои ҳукм аз худи ҳукми ҳакамӣ бар наояд;

б) шаходат, ки тарафи чабрдида наметавонад ба додгохи хозир шавад, бояд ба таври шоиста пешниход гардад ва он вох низ сурат гирад, ки тарафи чабрдида наметавонад худро химоя кунад;

в) хуччатхое, ки дар бандхои (а) ва (б) - и ин модда зикр шудаанд, бояд ба пайвасти тарчумаи тасдикшуда ба забони Тарафи Ахдкунанда, ки он чо талаби эътирофи расми ва ичрои хукм сурат мегирад ва ё ба забонхои фаронсави е англиси пешниход шавад.

## МОДДАИ 23

1. Амалити эътирофи расми е ичрои хукм бояд аз тарики конуни Тарафи Ахдкунанда, ки он чо талаби эътирофи расми ва ичрои хукм сурат мегирад, мукаррар гардад.

2. Хангоми татбики ин Созишнома макомоте, ки талаби эътирофи расми ва ичрои хукм кардаанд, бояд мутобики мохияти парванда бошанд ва бояд танхо назорат кунанд, ки ахкоми ин Созишнома чи гуна ичро мешаванд.

## МОДДАИ 24

Ахкоми ин Созишнома, ки ба эътирофи расми ва ичрои хукми додгохи таалук доранд, набояд ба татбики конунхои дохили Тарафхои Ахдкунанда, ки интиколи пул ё молумулкро чун натичаи ичрои хукми амалхои марбут ба асъори хоричи танзим мекунанд, таъсир расонанд.

## БОБИ III

## ҚИСМИ 1

## РАСОНИДАНИ МУСОИДАТ ВА ҲАМКОРӢ ҲАНГОМИ БАРРАСИИ ПАРВАНДАҲОИ ЧИНОЯТӢ

### МОДДАИ 25

1. Тарафҳои Аҳдкунанда уҳдадор мешаванд, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои чиноятӣ ба ҳамдигар мусоидат кунанд.

2. Расонидани мусоидат ҳангоми баррасии парвандаҳои чиноятӣ, аз ҷумла иҷрои чунин амалҳои мурофиавӣ аз қабили фиристодани ҳуҷҷатҳо, ҷустуҷӯҳо, мусодира, расонидани ҳуҷҷатҳо ва далелҳои шайъӣ, гузаронидани экспертиза ва бозпурси айбдоршавандагон, шоҳидон ва мутахассисон, гузаронидани муоина (омӯзиши маҳал ва ғайра) фаро мегирад.

### МОДДАИ 26

1. Дар талаби мусоидат ҳангоми баррасии парвандаҳои чиноятӣ бояд нуктаҳои зерин зикр шаванд:

а) номи муассисаи дархосткунанда ва муассисаи дархостшаванда;

б) мавзӯи баррасӣ ва парванда;

в) номи айбдоршавандагон ё маҳбусон, шаҳрвандии онҳо ё ҷои истиқомат, шуғл ва агар имкон дошта бошад ҷой ва таърихи таваллуд ва насаби падару модари онҳо;

г) ном ва суроғаи намояндагони қонунии онҳо;

д) тавсифи ҳолатҳои ҷиноят ва квалификатсияи ҳуқуқии он бо иқтибоси матни қонун, ки аз рӯи он ҷиноят эътироф мешавад.

2. Талаб ва ҳуҷҷатҳои замимашуда бояд имзо ва мӯҳри расмии муассисаро дошта бошад, ки онро пешниҳод намудааст.

## МОДДАИ 27

1. Мақомоти марказии бозхост талабро оид ба расонидани мусоидати ҳуқуқӣ бояд тибқи муқаррароти қонунҳои худ анҷом диҳанд. Ҳамчунин мақомоти марказии бозхост ба ҳадде, ки хилофи қонунҳояшон набошад (ба ҳадде, ки чунин амалан имконпазир бо қонунҳои тарафи марказии бозхост бошад) бо талаби мақоми бозхоҳанда метавонанд қонунҳои он мамлакатро истифода кунанд.

2. Агар мақоми марказии бозхост дар иҷрои талаб салоҳият надошта бошад, пас вай бояд талабро ба мақомоти дахлдор супорад ва дар ин бора мақоми бозхоҳандаро огоҳ кунад.

3. Бино ба рағбати тарафи бозхоҳанда ҷониби марказии бозхост бояд таърих ва ҷои иҷрои талабро хабар диҳад. Тарафи марказии бозхост метавонад иҷозати ҳузур доштани шахсони дахлдор ва мансубони тарафи бозхоҳандаро ҳангоми иҷрои талаб раво бинад.

4. Мақоми марказии бозхост баъди иҷрои талаб бояд ҳуҷҷатҳои гувоҳи иҷрои талабро ба бозхоҳанда бифиристад ва ё дар ҳолати иҷро нашудани талаб сабаби онро ба бозхоҳанда хабар диҳад.

## МОДДАИ 28

1. Дар ҳоле ки мақоми додгоҳии тарафи бозхоҳанда ҳузури шахсии шоҳид ё мутахассисро лозим донад, пас чунин кор бояд дар талаби вай оид ба даъватномаи додгоҳӣ зикр шавад.

2. Дар талаби мазкур дар банди боло ин Модда ҳеҷ гуна ҷарима ё уқубати дигар дар натиҷаи аз даъватномаи додгоҳӣ сарфи назар намудан, набояд пешбинӣ шавад.

3. Ҳама хароҷоти марбут ба шоҳидон ва мутахассисонро тарафи бозхоҳанда ба ӯҳда мегирад.

4. Шоҳид ё мутахассис, ки сарфи назар аз мансубияти шаҳрвандии худ пеши мақомоти додгоҳии тарафи бозхоҳанда ҳузур меёбад, набояд мавриди таъқиби додгоҳӣ бошад, ҳабс ё дигар маҳдуд сохтани озодии шахсии ӯ дар

қаламрави ин тараф дар марҳалаҳое, ки ба бозгардонии ӯ аз қаламрави тарафи мавриди бозхост мусоидат мекунанд, қарор гирад. Ин гуна шахсон инчунин дар натиҷаи амалиёте, ки ба процедураи вобаста ба мавзӯи асосии дархост ё тафтиши ҷиноятӣ ҷалб карда, аз масуният бархурдор хоҳанд буд.

5. Агар шоҳид ё мутахассис пас аз гирифтани огоҳинома, ки ҳузури ӯ дигар зарурат надорад, қаламрави тарафи бозхосткунандаро дар давоми 15 рӯз тарк накунад, пас масунияти мазкур дар банди (6)-и ин Модда рафъ мешавад. Ҳамчунин, ки барои сафари озоди шоҳид ё мутахассис аз қаламрави тарафи мавриди бозхост муқаррар шудааст (ба сабабҳои новобаста ба онҳо) ба муддати муқаррар дар ин банд дохил намешавад.

МОДДАИ 29

1. Тарафи мавриди бозхост бояд расонидани ҳуҷҷатҳоро ба пайвасти тарҷума ба забони ин тараф ва ҳуҷҷатҳои расмии тасдиқшударо ба тарзе, ки қонунҳои вай пешбинӣ намудааст, ба ӯҳда гирад. Дар ин ҳол тарафи мавриди бозхост метавонад расонидани ҳуҷҷатҳоро бо мувофиқати гиранда ба анҷом расонад.

2. Имзои асли гиранда ва ҳуҷуҷоти ҳуҷҷат бояд дар талаби расонидани ҳуҷҷат қайд шаванд.

3. Агар ҳуҷҷатҳо ба унвоне, ки дар талаб зикр шудааст, расонида нашаванд, пас тарафи мавриди бозхост кӯшиш мекунад, то унвони асли гиранда муқаррар шавад. Агар муқаррар намудани унвон имкон надошта бошад, пас тарафи мавриди бозхост бояд дар ин бора тарафи бозхосткунандаро огоҳ кунад ва ҳуҷҷатҳоро баргардонад.

МОДДАИ 30

Ҳуҷҷат, ки расонидаро тасдиқ мекунад, бояд ба тарзе, ки қонуни тарафи мавриди бозхост пешбинӣ мекунад, тартиб дода шавад. Дар ҳуҷҷат бояд таърих ва ҷои расонидан зикр шаванд.

## МОДДАИ 31

*Мувофики ахкоми банди 3-и Моддаи 28 тарафи мавриди бозхост, харочоти талабхои додхохиро, ки дар каламрави вай анчом меёбанд, ба ухда мегирад ва чуброни онро талаб намекунад.*

## МОДДАИ 32

*1. Талаби расонидани мусоидат дар мавридхои зерин метавонад сарфи назар шавад:*

*а) тарафи мавриди бозхост акида дошта бошад, ки дар сурати ичрои талаб ба истиклолият, амният ва тартиботи чамъиятии вай халал ворид мешавад;*

*б) ичро е талаби расонидани мусоидат аз чониби тарафи мавриди бозхост чун хилофи конунхои дохилии вай баррасй гардад.*

*2. Агар талаби расонидани мусоидат тибки банди болои ин Модда сарфи назар шавад, пас сабаби чунин икдом бояд шарх дода шавад.*

## МОДДАИ 33

*1. Ба чуз талабхое, ки дар банди 1-и Моддаи 29 ва Моддаи 69 зикр шудаанд, талабхои дигар оид ба расонидани мусоидат ва хуччатхои пайваст бояд бо тарчума ба забони тарафи мавриди бозхост е забонхои фаронсави е англиси, пешниход шаванд.*

*2. Тасдики тарчума аз чониби тарафи бозхоханда, тарчумони касби, нотариус, намояндаи дипломати е корманди консулии Тарафхои Ахдкунанда сурат мегирад.*

*3. Хуччатхое, ки барои ичро пешниход мешаванд, бояд ба забони тарафи мавриди бозхост тахия шаванд.*

## БАХШИ 2

## ЭКСТРАДИЦИЯ

### МОДДАИ 24

1. Тарафҳои Аҳдкунанда мувофиқат намуданд, ки тибқи аҳкоми ин Созишнома ба якдигар шахсони муқим дар қаламрави онҳо, ки мақомоти ҷустуҷӯи тарафи дигар ба иллати ҷурмҳо, талаби доданаш ё иҷрои ҳукм хостаанд, бозмедиҳанд.

2. Бозпасдиҳии ҷинояткор барои ҷурмҳо ё талаби доданаш ба ҷиноятҳое татбиқ мешавад, ки ҷазои зиндониро ба муддати беш аз 12 моҳ ё ҷазои сахттарро мувофиқи қонунҳои Тарафҳои Аҳдкунанда пешбинӣ мекунанд.

3. Бозпасдиҳии ҷинояткор барои иҷрои ҳукм бояд танҳо ба ҷиноятҳое татбиқ шавад, ки ҷазои ҳабси зиндониро пешбинӣ мекунанд, ё айбдор ба муддати зиёда аз 6 моҳ ё ҷазои сахттар маҳкум шудааст.

4. Агар дар талаби бозпасдиҳии ҷинояткор чанд ҷиноят зикр шуда бошад, ки ҳар яке уқубати ҳабси зиндониро тибқи қонунҳои Тарафҳои Аҳдкунанда пешбинӣ мекунад, вале нисбати баъзеи он шартҳои мазкур дар бандҳои 2 ва 3-и ин Модда иҷро намешаванд, пас Тарафи мавриди бозхост бояд ҳуқуқ дошта бошад, ки бозпасдиҳии ҷинояткорро аз рӯи ҷиноятҳои охирин анҷом диҳад.

### МОДДАИ 25

1. Бозпасдиҳии ҷинояткорон дар мавридҳои зерин наметавонад сурат гирад:

а) агар шахси мавриди ҷустуҷӯ шаҳрванди тарафи мавриди бозхост бошад.

б) агар талаб аз ҷониби тарафи мавриди бозхост тибқи қонунҳои вай қобили қабул дониста нашавад ва ё агар уқубат ба иллати гузашти замон наметавонад татбиқ шавад ва ё агар қонун амри дигарро пешбинӣ кунад.

в) агар шахси мавриди чустучу субъекти хукми нихоии додхохи, е хукми беукубат бошад, ки барои он чиноятхо тарафи мавриди богхост, экстрадацияро такозо мекунад.

г) агар чиноят дар каламрави тарафи мавриди богхост содир шуда бошад.

2. Агар тарафи мавриди богхост, шахси мавриди чустучуро, ба иллати мансубияти шахрванди бог надихад, пас бино ба талаби тарафи богхоханда вай бояд нисбати ин шахс мурофиаи додхохи коим гардонад. Дар ванда, маълумот, далелхои дигарро тарафи богхоханда пешниход мекунад. Натичаи мурофиаи додхохи бояд ба тарафи богхоханда маълум карда шавад.

## МОДДАИ 36

1. Талаби экстрадиция нисбати шахси айбдоршаванда е махкум аз барои чиноят бояд ба найвасти нусхаи тасдикшудаи ордери богдошт, талабе, ки содир шудани чиноятро муайян мекунад ва ахкоми хукукиро, ки чиноятро шарх дода чазоро пешниход менамояд, такдим гардад. Дар холате, ки ба иллати содир намудани чиноят зарари модди расида бошад, хачми чунин зарар бояд хар чи дакиктар муайян шавад.

2. Талаби шахси мавриди чустучу барои ичрои хукм бояд ба найвасти нусхаи тасдикшудаи хукми нихоии додхохи ва матни номили ахкоми мавриди татбики конун, ки чиноятро мекушоянд, пешниход шавад. Агар кисме аз муддати чаво сипари шуда бошад, ин амр бояд кайд шавад.

3. Маълумот дар бораи шахрванди бояд то хадди имкон шархи шахсият, чои истикомат, вазъи ичтимои, сурат ва пан ангуштхои шахси мавриди чустучуро фаро гирад.

4. Тарафи богхоханда ухдадор нест, ки хуччатхоро оид ба баеноти шохидон рочеъ ба чиноятхои мансуб ба шахси мавриди чустучу пешниход кунад.

МОДДАИ 37

Агар талаби экстрадиция хама маълумоти лозимаро фаро нагирад, пас тарафи мавриди боахост метавонад хохиши такмили онро кунад. Ин гуна маълумот ба тарафи мавриди боахост бояд дар муддати 30 руз пешниход шавад. Хангоми будани сабабхои вазнин ин муддат метавонад то 15 руз дароз шавад. Ба ин максад тарафи мавриди боахост, метавонад вакти махдуд муайяррар кунад, ки кобили тамдид мебошад, вале ба муддати на зиеда аз ду мох.

МОДДАИ 38

Бо гирифтани талаби экстрадиция, тарафи мавриди боахост нисбати шахси мавриди чустучу бояд бетаъхир хама чорахои зарури, аз чумла боздошти пешаки, андешад. Ин гуна боздошти пешаки набояд ба парвандахое, ки хукуки пешниходи экстрадицияро тибки ахкоми ин Созишнома дарбар намегиранд, татбик шавад.

МОДДАИ 39

Дар холи заруррат макомоти салохиятдори тарафи боахоханда метавонанд боздошти пешакии шахси мавриди чустучуро талаб кунанд. Макомоти салохиятдори Тарафи мавриди дархост масъаларо мутобики конунхои худ хал хоханд кард.

Дар талаб дар бораи боздошти пешаки баён хохад шуд, ки яке аз хуччатхое, ки дар бандхои 1 ва 2 Моддаи 36 зикр гардидааст, вучуд дорад ва дар назар аст талаб дар бораи экстрадиция фиристода шавад. Дар он инчунин баён хохад шуд, ки кадом навъи экстрадиция дархост шудааст ва кай ва дар кучо чиноят содир гардидааст ва то кадри имкон тавсифи шахси мавриди чустучу дода хохад шуд.

Талаб дар бораи боздошти пешаки ба макомоти дахлдори Тарафи мавриди дархост аз тарики каналхои дипломати ё

мустакиман ба воситаи почта ё телеграф ё аз тарики Созмони байналмилалии пулиси чинои (Интерпол) ё аз тарики воситахои дигар бо баёни хаттии чиноят фиристода хохад шуд.

Боздошти пешаки метавонад ба поён расад, агар дар муддати 45 рузи баъд аз боздошт ба Тарафи мавриди дархост талаб дар бораи экстрадиция ва хуччатхое, ки дар Моддаи 36 зикр шудаанд, нарасанд. Он дар хеч сурат аз 60 руз аз таърихи ин гуна боздошт зиёд нахохад буд. Имконияти озод кардани пешаки дар хеч вакт истисно нест, вале Тарафи мавриди дархост тамоми чорахоро, ки барои пешгирии гурехтани шахси мавриди чустучу лозим медонад, хохад андешид.

Озод кардан ба тачдиди боздошт ва экстрадиция халал нахохад расонд, агар талаб барои экстрадиция баъдан биёяд.

МОДДАИ 40

ТАЪХИР Ё ВОЗДОДАНИ ШАРТИ

1. Тарафи мавриди бозхост пас аз он, ки дар бобати талаби экстрадиция тасмим гирифтааст, метавонад боздодани шахси мавриди чустучуро чихати таъкиби у аз тарики таркиботи додхохи ё татбики хукми додхохи барои чинояте, ки экстрадицияро такозо менамояд, ба таъхир гузорад.

2. Тарафи мавриди бозхост, ба чои таъхири боздодан, метавонад шахси мавриди чустучуро ба тарафи бозхоханда муваккатан боздихад. Шахсе, ки муваккатан боздода шудааст, бояд ба тарафи мавриди бозхост пас аз баррасии додхохи, ки мочи боздодани уро ташкил медихад, дар муддати на зиёда аз 3 мох, бозпас фиристода шавад.

## МОДДАИ 41

## ТАЛАБОТИ ИЛОВАГӢ

Агар экстрадитсияи як шахсро зиёда аз як давлат талаб кунад, пас тарафи бозхоҳанда бояд муқаррар кунад, ки он шахс ба кадом давлат супорида шавад.

## МОДДАИ 42

## ҚОИДАҲОИ МАХСУС ВА РЕЭКСТРАДИТСИЯ БА КИШВАРИ СЕЮМ

1. Шахсе, ки ба иҷозати тарафи мавриди бознохост боздошта шудааст, наметавонад мавриди муҳокимаи ҷиноятӣ ва ҷазои ҷиноятӣ барои ҷинояте, ки собиқан то боздошт у содир намудааст, ғайр аз барои ҷинояте, ки экстрадитсияро тақозо менамуд, қарор гирад, инчунин раво нест, ки ин шахс ба кишвари сеюм барои ҷинояте, ки то боздошт у содир намудааст, боздода шавад.

2. Иҷозати (тарафи мавриди бознохост) дар чунин ҳолатҳо зарурат надорад.

а) агар шахси боздошта қаламрави тарафи бозхоҳандаро дар давоми 15 рӯз пас аз анҷоми баррасии додгоҳӣ ё баровардани ҳукми додгоҳӣ, агар чунин кор шуда бошад тарк накарда бошад.

Ин мӯҳлат вақтеро, ки шахси боздошта наметавонад, қаламрави тарафи бозхоҳандаро озодона тарк кунад, дарбар намегирад.

б) агар шахси боздошта шуда қаламравро тарк гуфта бошад, у баъд ба қаламрави тарафи бозхоҳанда баргардонида шавад.

## МОДДАИ 43

## КАРОР ОИД БА ТАЛАБ

1. Тарафи мавриди бозхост бояд ба тарафи бозхоханда карори худро оид ба экстрадиция маълум намояд.

2. Дар холати комилан ё чузъан рад намудани талаби экстрадиция, сабабхо бояд ба тарафи бозхоханда маълум карда шаванд.

3. Агар талаби экстрадиция пешниход гардад, тарафи мавриди бозхост бояд ба тарафи бозхоханда чой ва вакти боздоданро маълум намояд. Агар тарафи бозхоханда шахси мавриди чустучуро дар муддати 15 руз пас аз таърихи мукаррар кардани вакт нагирад, пас он шахс озод карда мешавад.

## МОДДАИ 44

Агар шахси боздода шуда фирор кунад ва ба каламрави тарафи мавриди бозхост баргардад, он гох такдими хуччатхо, ки дар Моддаи 36-и ин Созишнома барои талаби нави экстрадиция омадаанд, зарурат надорад.

## МОДДАИ 45

## ТРАНЗИТ

1. Хар як аз Тарафхои Ахдкунанд ухдадор хастанд, ки ба шафоати Тарафи дигар транзити шахси аз чониби кишвари сеюм ба тарафи дигари Ахдкунанда боздодашударо таъмин намоянд. Тарафхои Ахдкунанда вазифадор нестанд, ки барои чиноятхои, ки боздодани шахсхоро мувофики ахкоми ин Созишнома такозо намекунанд, транзитро таъмин намоянд.

2. Макомоти салохиятдори Тарафхои Ахдкунанда бояд дар бораи тарика, хатти сайр ва дигар шартхои транзит дар хар холат алохида ба тавофук расанд.

### МОДДАИ 46

### МАЪЛУМОТ ОИД ВА НАТИЧАХОИ МУРОФИАИ ДОДХОХИ

*Тарафи боздоранда тарафи маврици боздоштро аз натичахои тафтишоти чинои дар нисбати шахси боздодашуда ва боздодани у огох хохад кард. Илова бар ин ба мучиби дархости тарафи мавриди боздошт тарафи боздоранда бояд нусхаи хукми ниҳоиро барои ичро пешниход кунад.*

### МОДДАИ 47

*Процедураи экстрадиция ва хабси пешаки бояд танхо мувофики конуни тарафи мавриди боздошт танзим гардад.*

### МОДДАИ 48

*Хуччатхои лозима барои экстрадиция бояд ба пайвасти тарчумаи тасдикшуда ба забони тарафи мавриди боздошт, фаронсави ё англиси пешниход шаванд.*

## ВАХШИ 3

## СУПОРИДАНИ МАХБУСОН БАРОИ ИЧРОИ ХУКМ ДАР КИШВАРИ ШАХРВАНДИИ ОНХО

### МОДДАИ 49

*1. Шахрванди хар яке аз Тарафхои Аҳдкунанда, ки дар каламрави Тарафи дигар аз озоди ба таври писон махрум шудааст, бо мувофикати Тарафхои Аҳдкунанда ва тибки ахкоми ин Созишнома ба кишвари вай чихати ичрои хукм супорида мешавад.*

*2. Супоридани маҳбус ҷойҳои иҷрои ҳукм бояд аз рӯи шартҳои Тарафҳои Аҳдкунанда, ки он шахсро маҳкум намудааст (кишваре, ки маҳкум намудааст ва ҳукм баровардааст) ва бо мувофиқати тарафе, ки он шахс ба онҷо фиристода мешавад, сурат мегирад (кишвари иҷрокунанда).*

*3. Кишвари иҷрокунанда шахси маҳкумро метавонад баъди қабули қарор ҷиҳати ба додгоҳи супоридани маҳкум ба Тарафи дигар, ки ҳукм баровардааст, муроҷиат кунад.*

МОДДАИ 50

*Маҳбус, намояндаи ӯ ё узви оилаи вай метавонанд ба мақомоти салоҳиятдори яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда бо аризаи шикоятӣ ҷиҳати иҷрои аҳкоми Моддаи 49 муроҷиат кунанд. Мақомоти салоҳиятдори кишвари ҳукм бароварда бояд ба маҳбус имконияти аризаи шикоятро маълум намоянд.*

МОДДАИ 51

*Супоридани маҳбус танҳо дар сурате амалӣ мегардад, ки агар рафтори ӯ мувофиқи қонунҳои кишвари иҷрокунанда ҷуз ҷиноят шинохта шавад.*

МОДДАИ 52

*1. Супоридани маҳбус танҳо дар сурати мувофиқати ӯ сурат мегирад.*

*2. Агар маҳбус ёрои баён намудани мувофиқат надошад, пас мувофиқати намояндаи қонунии ӯ ба назар гирифта мешавад.*

МОДДАИ 53

*Кишвари иҷрокунанда ба кишвари ҳукмбароварда бояд дар наздиктарин фурсат мувофиқати худро барои супоридан ё насупоридани маҳбус маълум кунад.*

## Моддаи 54

1. Агар Тарафҳои Аҳдкунанда ба супоридан мувофиқат кунанд, мақомоти салоҳиятдори дар кишвари иҷрокунанда бояд хусусият ва муддати ҳукмро, ки додгоҳ муайян кардааст, ба эътибор гиранд.

2. Агар ҳукм аз ҷиҳати хусусият ё муддат ба қонунҳои кишвари иҷрокунанда ё кишваре, ки иҷро талаб дорад мувофиқат накунад, пас мақомоти салоҳиятдори кишвари иҷрокунанда метавонанд ҳукмро мувофиқи қонунҳои кишвари худ иҷро кунанд. Ин ҷазо уқубат то ҳадди имкон бояд ба хусусияти ҳукми додгоҳи давлати ҳукмбароварда мувофиқат кунад. Уқубате, ки давлати иҷрокунанда муқаррар кардааст, бояд аз ҷиҳати хусусият ва муддат вазнинтар аз ҳукме, ки давлати ҳукм бароварда муқаррар кардааст, набошад ва набояд ҳудудеро, ки қонуни кишвари аввал ба ин ҷазо ниҳоӣ муқаррар кардааст, таҷовуз кунад.

3. Мақомоти салоҳиятдори кишвари иҷрокунанда метавонанд дар таъйини давраҳо ҳамкорӣ кунанд, вале имконияти иваз намудани уқубати маҳрум намудани озодиро надоранд.

## Моддаи 55

Агар давлати ҳукмбароварда ба шафоати супоридан мувофиқат кунад, мақомоти салоҳиятдори Тарафҳои Аҳдкунанда бояд ҷой, таърих ва шароити супориданро дар назардошти фурсат муқаррар кунанд. Супоридани маҳбус бояд дар ҳудуди кишвари ҳукмбароварда амалӣ гардад.

## Моддаи 56

1. Иҷрои ҳукм, ки шартан озод намуданро тақозо мекунад, аз рӯи қонуни кишвари иҷрокунанда танзим меёбад.

2. Махбусе, ки ба кишвари дигар супорида шудааст хукуки авф шуданро чи дар кишвари хукмбароварда ва чи дар кишвари ичрокунанда дорад.

3. Махбусеро, ки ба кишвари дигар супоридаанд, танхо кишвари ичрокунанда метавонад бубахшояд.

4. Пас аз супоридани махбус бо расидани аризаи шикояти танхо кишвари ичрокунада метавонад хукмро аз нав бубинад.

МОДДАИ 57

1. Тарафхои Ахдкунанда бояд як дигарро аз вазъи шахси махкумшуда, ки метавонад ба ичрои хукм аз чумла тавассути авф, бахшиш ё муносибати дигар таъсир кунад огох намоянд.

2. Кишвари ичрокунанда кишвари хукмбаровардаро оид ба ичрои хукм бояд огох кунад.

МОДДАИ 58

Супоридани махбус ба кишвари ичрокунанда то хадди имкон бояд дар асоси ахкоми Моддаи 55 сурат гиранд.

МОДДАИ 59

1. Талаби супоридани махбус бояд ба таври хатти пешниход гардад.

2. Ба талаб бояд хуччатхои зерин замима шаванд:

а) нусхаи тасдикшудаи хукми долзоми бо тавзих, ки ин хукм нихои мебошад;

б) матни конун, ки чиноят ва чазоро мукаррар мекунад;

в) хуччатхо, ки ба хадди имкон шахсият, шахрванди ва чои истикомати махбусро мукаррар мекунанд;

г) хуччат дар бораи муддате аз хукм, ки ба ичро дар кишвари хукм баровардаи, расидааст;

д) мувофикати махбус барои супориданаш;

е) дигар хуччатхо, ки барои ичрои талаб мусоидат мекунанд.

МОДДАИ 60

Агар ширкати иштироккунанда ҳисоб кунад, ки маълумот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳод шуда кофӣ нестанд, он ҳам метавонад маълумоти иловагӣ биҷӯяд ва ҳамин муқаррар кунад. Ин мӯҳлат метавонад дар ҳолати будани сабабҳои ҷиддӣ барои гирифтани пурраи маълумот дароз карда шавад. Агар маълумоти иловагӣ пешниҳод нашавад, ширкати иштироккунанда дар асоси маълумот ва ҳуҷҷатҳои собиқан пешниҳод шуда қарор қабул мекунад.

МОДДАИ 61

Талаби суғурташуда ва ҳуҷҷатҳои пайваст тасдиқи расмиро тақозо намекунанд, агар бояд бо пайвасти тарҷума ба забони ширкати иштироккунанда, фаронсавӣ ва англисӣ пешниҳод шаванд.

МОДДАИ 62

Хароҷотеро, ки ҳангоми суғурташуда шахс ба вуқӯъ омад ба ҷуз хароҷоте, ки дар қаламрави ширкати худ бармеоянд сурат гирифтаанд, ширкати иштироккунанда ба уҳда мегирад.

БАХШИ 4

АҲКОМИ ИЛОВАГИИ МУТААЛЛИҚ
БА ПАРВАНДАҲОИ ҶИНОЯТӢ

МОДДАИ 63

Тарафҳои аҳдкунанда уҳдадор мешаванд, ки бинобар ба талаби тарафе, ки дар қаламрави он шаҳрвандони онҳо ҷиноят содир карданд мувофиқи қонунҳои худ парвандаҳои ҷиноӣ кушоянд.

## МОДДАИ 64

1. Тарафи ҳамин , ки шахси он Тарафҳо Аҳдкунанда ки дигарро дар бораи оғоз намудани тафтишоти ҷиноятӣ мувофиқи моддаи 63 огоҳ менамояд, бояд ҳуҷҷатҳои зеринро ҳамроҳ кунад.

а) номи мақоми муроҷиаткунанда;

б) хусусияти муфассали ба ҷиноят, ки мавзуи таъқиби ҷиноӣ мекунад, аз ҷумла вақт ва ҷои содир шудани онро;

в) шахсият, маълумоти шаҳрвандӣ ва аз рӯи имконият ҷои истиқомати гумонбаршуда.

2. Тараф бояд ба пайвасти ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод намояд:

а) протоколи тафтишоти пешакӣ ё нусхаҳои тасдиқшуда, ки ба забони тарафи боздоранда тарҷума шудааст;

б) тамоми ҳуҷҷатҳо ва далелҳои шайъӣ, ки ба тафтишоти ҷиноятӣ мувофиқат мекунанд; Моддаи 66 ин Созишнома дар ин маврид бояд татбиқ гардад;

в) матни аҳкоми қонуни татбиқшавандаи кишваре, ки он ҷо ҷиноят содир шудааст;

г) сурат ва нақши ангуштони гумонбаршуда - дар ҳоли зарурат ва аз рӯи имконият.

3. Тарафи мавриди боздошт бояд тарафи дигарро аз натиҷаҳои тафтиш огоҳ кунад ва нусхаи ҳукми ниҳоиро пешниҳод намояд.

## МОДДАИ 65

1. Агар ҳузури шахсе, ки таҳти боздошт дар қаламрави яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда қарор дорад, барои тарафи боздоранда ба сифати шоҳид зарур бошад, тарафи мавриди боздошт метавонад муваққатан супоридани ин шахсро ба қаламрави тарафи боздоранда раво бинад ба шарте, ки ин шахс таҳти боздошт хоҳад буд ва дар наздиктарин вақт баргардонида хоҳад шуд.

2. Агар ҳузури шахсе, ки дар қаламрави кишвари сеюм таҳти боздошт қарор дорад, ба сифати шоҳид лозим бошад онҳо Тарафҳои Аҳдкунанда бояд ба транзити вай аз ҳудуди онҳо иҷозат диҳанд.

3. Дар ҳолатҳое, ки дар бандҳои 1 ва 2 зикр шуданд, аҳкоми Моддаи 29 аз рӯи имконият бояд татбиқ шаванд.

МОДДАИ 66

1. Ҳар предмет, ки ба содир шудани ҷиноят алоқа дорад ва ё метавонад чун далел барои тафтишоти ҷиноятӣ хизмат кунад ба тарафи бозхоҳанда бояд пешниҳод шавад, ҳар чанд, ки экстрадиция наметавонад аз сабаби набудани шахси маврид ҷустуҷӯ ё ба сабабҳои дигар сурат гирад.

2. Тарафи маврид бозхост метавонад муваққатан пешниҳод намудани предметҳоро боз дорад, агар чунин шуморад, ки ин предметҳо барои тафтишоти ҷиноятӣ дигар зарур мебошанд.

3. Ҳуқуқи шахсони сеюм ба далелҳои шайъӣ риоя мешавад. Ин гуна далелҳои шайъӣ бояд ба тарафи маврид бозхост баргардонида ва ба соҳибонаш супорида шаванд.

МОДДАИ 67

Хароҷоте, ки ба экстрадиция ва расонидани далелҳо вобаста аст, бояд тарафи бозхоҳанда ба уҳда гирад ба ҷуз хароҷоте, ки дар қаламрави тарафи маврид бозхост сурат гирифтаанд.

МОДДАИ 68

1. Тарафҳои Аҳдкунанда ба як дигар бояд маълумотро дар бораи баррасиҳои додгоҳӣ, ки нисбати шаҳрвандони тарафи дигар сурат мегиранд ё анҷом ёфтаанд ҳадди ақал соле боре пешниҳод кунанд.

2. Бино ба талаб Тарафҳои Аҳдкунанда бояд ба ҳамдигар маълумотро дар бораи парвандаҳои шахсоне, ки нисбати онҳо

дар назарраси тарафи махрӯми бо дархост хукм бароварда шудааст пешниход намояд.

3. Дар холатхое, ки дар бандхои 1 ва 2 боло зикр шудаанд, Тарафхои Ахдкунанда мувофики имконият бояд пайи ангуштони махкумшудагонро ба як дигар фиристанд.

МОДДАИ 69

Ахкоми ин Созишнома метавонанд нисбати талабхои мутааллик ба конуншиканихое, ки то эътибор пайдо кардани Созишнома сурат гирифтаанд низ татбик шаванд.

БОБИ IV

АХКОМИ ХОТИМАВИ

МОДДАИ 70

Хар печидагие, ки дар татбики ахкоми ин Созишнома ба вукуъ меояд, бояд аз тарики каналхои дипломати рафъ карда шавад.

МОДДАИ 71

Ин Созишнома бояд тасдик гардад. Мубодилаи тасдикномахо бояд дар Душанбе сурат гирад.

Ин Созишнома пас аз гузаштани 30 руз аз вакти мубодилаи тасдикномахо эътибор пайдо мекунад.

МОДДАИ 72

Ин Созишнома дар давоми муддати номахдуд эътибор дорад. Хамзамон хар яке аз Тарафхои Ахдкунанда метавонанд бо огохии Тарафи дигари Ахдкунанда эътибори Созишномаро дар хар вакте, соқит гардонанд.

Соқитшавии эътибор, пас аз шаш мохи гирифтани ин гуна огохи аз Тарафи кишвари дигар, амали мешавад.

*Ба тасдики ин ахком намояндагони ваколатдори Тарафхои Ахдкунанда ин Созишномаро имзо карданд ва мухр гузоштаанд.*

*Дар Анкара 6 маи соли 1996 дар се нусха ба забонхои точики, турки ва англиси , ки эътибори яксон доранд, ба тахрир омад. Дар холати ихтилоф дар шархи ахком матни англиси марчаъ хохад буд.*

АЗ ЧОНИБИ
ЧУМХУРИИ ТОЧИКИСТОН

АЗ ЧОНИБИ
ЧУМХУРИИ ТУРКИЯ